**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Мамадҷонов Самеъҷон Ҳабибуллоевич дар мавзӯи «Асосҳои педагогии рушди қобилияти созмондеҳии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)**

**(Хуҷанд: МДТ ДДХ ба номи акад. Б.Ғафуров, 2022.- 23 саҳ.)**

Аз мутолиаи фишурдаи рисолаи Мамадҷонов Самеъҷон бармеояд, ки таҳқиқоти поёнёфта ба яке аз мавзӯъҳои муҳими илми педагогика, ба вижа роҷеъ ба асосҳои педагогии рушди қобилияти созмондеҳии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ бахшида шудааст. Соҳиби рисола бо диққати тамом ҷанбаҳои мухталифи мавзӯи мазкурро мавриди омӯзиш қарор додааст. Низоми самарабахши маориф яке аз омилҳои асосии таъмини рушди устувор ва пешрафти иқтисодиёт ва ҷомеаи ҳама гуна кишвар, аз он ҷумла, Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Пайвастшавии Тоҷикистон ба фазои умумиҷаҳонии таҳсилот, тағйири парадигмаи таҳсилот, ташаккули амсилаи нави миллии он, ба муаммоҳои сифати омодагии кадрҳои педагогӣ – онҳое, ки масъалаи тарбияи насли навраси дорои тафаккури инноватсионӣ, фарҳанги ҷаҳоншиносӣ ва шуури бисёрфарҳангиро ҳал хоҳанд кард, таваҷҷуҳи бештарро тақозо менамояд. Барои татбиқи ин вазифаҳо омода намудани педагоге, ки соҳиби тафаккури эҷодӣ ва фаъолият буда, ба амалисозии равандҳои инноватсионӣ қобилият дорад, зарур аст. Дар ин росто таҳқиқи монографӣ оиди қобилияти созмондеҳии омӯзгорони оянда айнии муддаост.

Аз оғози таҳлилҳои диссертант бармеояд, ки ӯ ба андозаи вусъати диду назар ба ҳалли мавзӯъ рӯй оварда ва гӯшаҳои ҷолиби онро пеши назари мо намоён кунад. Дар ин амр эшон бештар ба бозгӯи мӯҳтавову мундариҷаи қобилияти созмондеҳии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ даст ёфтааст.

Рисола аз муқаддима, 2 боб, хулоса ва феҳрасти адабиёт иборат буда, дар перомуни он заҳмату ҳавсалаи муаллиф дар роҳи расидан ба мақсаду ҳадафҳои таҳқиқ намоён мешавад. Вай дар муқаддима зимни арзёбии корҳои пешгузаштагон дар амри таҳқиқи мавзӯъ ҳадафи аслии худро чунин бознамоӣ мекунад: «Таҳқиқоти мо ба мавҷудияти ихтилофҳои назаррасе, ки байни аҳамияти махсуси муаммои мураккабу серпаҳлуи интихобшуда ва коркарди нокифояи назариявии он дар педагогика ҷой доранд, ҳамчунин мавҷуд набудани механизми самараноки рушди қобилияти созмондеҳии донишҷӯён такя менамояд, ки дар навбати худ, дар татбиқи амалии ғояҳои илмӣ оид ба ин муаммо дар омодагии мутахассисони муосир дар шароити таҳсилоти донишгоҳӣ мушкилотеро ба вуҷуд меорад.

Дар боби аввали рисола, ки **«АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ РУШДИ МУАММОИ ҚОБИЛИЯТИ СОЗМОНДЕҲИИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДАИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ »** унвон дорад, муаллиф қабл аз ҳама ба методология ва назарияи таҳқиқи моҳияти фаъолияти созмондеҳии шахсият рушду нумӯъ кардааст, бозҷӯӣ менамояд. Дар ҳамин раҳгузар масоили шакл ва усулҳои ташаккули қобилияти созмондеҳии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ ва вазъи ибтидоии инкишофи қобилияти созмондеҳии донишҷӯён диққати муаллифро ба худ ҷалб кардааст.

Маҳз зимни кор бо хонандагон, идоракунии раванди ташаккули шахсияти онҳо, фаъолияти касбии психологию педагогии мураббӣ гардида, бешак, омодагии махсусро тақозо менамояд. Яке аз ҷанбаҳои муҳими чунин омодагӣ, ба донишҷӯён-омӯзгорони оянда омӯзонидани идоракунии фаъолияти созмондеҳии мактаббачагон, таълим додани асосҳои психологию педагогии ин фаъолият мебошад. Нуктаи муҳими дигар дар ин бахши рисола ошкор намудан, аз ҷиҳати назариявӣ асоснок кардан ва тариқи озмоиш санҷидани самаранокии шароити педагогии рушди қобилияти созмондеҳии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ аст.

Боби дувуми рисола ба таври хоса **«ҶАНБАҲОИ ОЗМОИШИИ ТАТБИҚИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ПЕДАГОГӢ ОИД БА ИНКИШОФИ ҚОБИЛИЯТИ СОЗМОНДЕҲИИ ОМӮЗГОРИ ОЯНДАИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ДАР РАВАНДИ ТАҶРИБАОМӮЗИИ ПЕДАГОГӢ»** ном гирифта, ин ҷо муаллиф худтарбиякуниро ҳамчун шарти рушди фаъолияти созмондеҳии омӯзгори ояндаи синфҳои ибтидоӣ ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Дар ин боб дар ошкорсозии ҳамбастагии худтарбиякунӣ ва нақши тарбия ва худтарбиякунии меҳнатӣ, ахлоқӣ, эстетикӣ ва ҷисмонӣ ба назар мерасад. Таҷрибаи гузаронидани суҳбатҳои озмоишӣ дар мавзӯи худтарбиякунӣ дар синфҳои гуногун ба мақсад мувофиқ будан, гузаронидани силсилаи суҳбатҳоро дар синфҳои поёнӣ асоснок менамояд.

Хулосаи рисола низ хеле фароху доманадор аст, ки аз баррасии масоили меҳварии рисола берун шуда ва ҷанбаҳои фарогири илмӣ дорад. Муаллиф кӯшидааст, ки дар 5 саҳифа ва 6 банд матолиби куллиро арзёбӣ кунад. Феҳрасти адабиёти рисола 152 номгӯй асарҳои таҳқиқӣ ва сарчашмаҳои таҳқиқотро дар бар мегирад.

Ба ҳамин тариқ, дар рисолаи Мамадҷонов Самеъҷон масъалаи асосҳои рушди қобилияти созмондеҳии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҷриибаомӯзии педагогӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Тибқи хулосаи муаллиф таҳқиқи феномени фаъолияти созмондеҳӣ имкони дар оянда тарҳрезӣ намудани механизмҳои низомҳои таҳсилотро фароҳам меорад, ки ташаккули ҳадафмандонаву муттасили сифати мазкурро дар субъект таъмин менамояд. Ин ҷалби донишҳои нави байнифаннӣ ва асбобу воситаҳои нави таҳқиқотро тақозо мекунад. Аҳамияти махсуси ояндадор ва амалиро таҳқиқоти мазкур дар шароити азнавсозии низоми таҳсилот касб менамояд, ки аз омӯзгорон бознигарии

воситаҳои маъмули фаъолият, тарзи тафаккури педагогӣ, инкишофи тасаввуроти назариявиро дар бораи қобилияти созмондиҳии педагог тақозо намуда, маводи фаровонро дарбар мегирад, ки метавонад дар таҳқиқи минбаъдаи роҳҳои фаъолияти эҷодиву инноватсионии педагогӣ истифода шавад,

Фишурдаи рисолаи Мамадҷонов С.Ҳ,, таҳти унвони **«Асосҳои педагогии рушди қоблилияти созмондиҳии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидои дар раванди таҷрибаомӯзии педпгогӣ»** ба талаботи КОА Ҷумхурии Тоҷикистон мувофиқ аст ва муаллифи он бешак арзандаи унвони илмии номзади илмҳои педагогӣ мебошад.

**Муқарриз:**

Доктори илмҳои педагогӣ,
профессор Мирализода А.М.

25.08.2022

**Маълумот барои тамос:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17. Тел: 918822340. E-mail:toshzoda@inbox.ru

Имзои А.М. Мирализода - ро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.